«Тасдиқ мекунам»
Ректори МДТ «Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ», доктори илмҳои таърих, профессор Ибодуллозода Аҳлиддин Ибодулло
_______________________________
"_30._ _01.__________2026 с.

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи Ғуломзода Сабзалӣ дар мавзуи «Хусусиятҳои зоҳиршавии агрессия дар рафтори наврасон ва роҳҳои пешгирӣ кардани онҳо» барои дарёфти дараҷаи илмии** доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯи ихтисоси 6D050300 – Психология (6D050305- психологияи иҷтиомӣ).

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мазмуни таҳқиқоти диссертатсионии Ғуломзода Сабзалӣ дар **мавзуи «Хусусиятҳои зоҳиршавии агрессия дар рафтори наврасон ва роҳҳои пешгирӣ кардани онҳо»** барои дарёфти дараҷаи доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D05.03.00 – Психология (6D050305- психологияи иҷтимоӣ) ба талаботи мавҷуда мувофиқат менамояд.

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқот.** Дигаргуншавии тезутунди вазъи сиёсиву иқтисодӣ дар ҷомеаи ҷаҳонӣ, бархурдҳои хунину харобиовар дар нуқтаҳои гуногуни сайёра, паст шудани сатҳи таҳаммулпазирӣ миёни намояндагони қавму фарҳангҳо ва динҳои мухталиф, зиёд гаштани миқдори қонунвайронкуниҳо аз ҷониби наврасону ҷавонон – ин маҷмуи нотамоми муаммоҳои инсоният дар давраи кунунии таърихӣ маҳсуб меёбад.

Тоҷикистони соҳибистиқлол чун як ҷузъи ҷомеаи ҷаҳонӣ аз таъсири равандҳои болозикр канора буда наметавонад. Пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ, ки Тоҷикистон як ҷузъи таркибии он буд, шикасти арзишҳои одатӣ, ҷанги шаҳрвандӣ ва оқибатҳои он ба мафкураи насли наврас бетаъсир намонд. Зухуроти номатлуби "сарварӣ" дар муассисаҳои

таҳсилоти миёнаи умумӣ, мунокишаҳои наврасони муассисаҳои таълимии гуногун миёни ҳам, ки баъзан ҳатто ба ҷароҳат бардоштан ва марги иштирокчиёни он анҷом мепазирад, зиёд гардидани сафи наврасони ҷиноятпеша – аз масъалаҳои ҳалталаб мебошанд, ки назди ҷомеаи имрӯзаи Тоҷикистони тозаистиқлол қарор доранд.

Дар қаринаи муаммоҳои мазкур таҳқиқу омӯзиши сарчашмаҳои хушунату зӯроварӣ дар инсон, омӯзиши дақиқ ва ошкор сохтани қонуниятҳои ташаккулу рушди зуҳуроти мазкур мубрамияти хоссаро касб мекунад. Ин ба мо имкон медиҳад, то саривақт эътино намуда, ин зуҳуроти номатлубро пешгирӣ намоем.

**Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.** Диссертатсияи Ғуломзода Сабзалӣ дар мавзуи **«Хусусиятҳои зоҳиршавии агрессия дар рафтори наврасон ва роҳҳои пешгирӣ кардани онҳо»** кори илмӣ ва актуалӣ буда, яке аз масъалаҳои муҳими шароити муосир ба шумор меравад.

Дар ин тақриз, дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар диссертатсия овардашуда мавриди баррасӣ қарор мегиранд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ** риояи принсипҳои методологии гузаронидани таҳқиқоти илмӣ, асоснокии мавқеъҳои заминавии назарӣ, таҳлили дастовардҳои муосири илми психология аз рӯйи мавзуи мавриди назар, интихоби методҳои боэътимоди таҳқиқотӣ ва истифодаи методҳои таҳлил ва коркарди омории натиҷаҳои бадастомада таъмин менамоянд.

Дар қисмати гузоришҳои илмӣ муаллиф, Ғуломзода Сабзалӣ, тавонистааст масъалаи таҳқиқшавандаро дар заминаи адабиёти мавҷудаи илмӣ ва таҳқиқоти қаблӣ ба таври мушаххас муаррифӣ намояд. Муаллиф бо истифода аз манбаъҳои илмӣ, аз ҷумла таҳқиқоти соҳаи психология, психологияи иҷтимоӣ, психологияи оила, психологияи машваратӣ, психологияи тиббӣ ва психологияи синну

солӣ, асоснокунии агрессия ва роҳҳои пешгирӣ кардани онро нишон додааст.

Бартариҳо. Муаллиф дар муаррифии масъала аз доираи васеи адабиёти илмӣ истифода бурда, алоқамандии масъалаи таҳқиқшавандаро бо вазъи иҷтимоӣ дар хусусиятҳои зоҳиршавии агрессия дар рафтори наврасон ва роҳҳои пешгирии онҳо ба таври возеҳ нишон додааст. Гузоришҳои овардашуда бо далелҳо ва иқтибосҳо аз манбаъҳои илмӣ тасдиқ шудаанд, ки ин ба эътимоднокии онҳо мусоидат мекунад.

Ҳамин тавр, натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки зоҳиршавии агрессия дар рафтори хонандагон бояд дар ҳама зинаҳои таълим, тарбия ва ташхис ба ҳисоб гирифта шаванд. Истифодаи мақсаднок ва илмии ин натиҷаҳо метавонад ба баланд бардоштани худшиносии наврас, ҳисси масъулият ва танзими ҳолатҳои эмотсионалӣ мусоидат намояд.

Умуман, кори анҷомдодаи Ғуломзода Сабзалӣ як кори илмии ҷиддӣ ва актуалӣ буда, дар он фикру мулоҳизаи илмӣ ба таври умум асоснок ва хулосаҳо ба натиҷаҳои бадастомада мувофиқ мебошад. Пешниҳоди овардашуда аҳамияти илмӣ дошта, метавонад дар ҳалли мушкилоти ҷойдошта саҳми муносиб гузоранд. Диссертатсияи мазкур сазовори баҳои баланд буда, метавонад ҳамчун сарчашмаи муҳим барои таҳқиқоти минбаъда дар ин самт ва таҳияи барномаҳои таълимии самти мактабӣ хизмат намояд.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот** дар муқарраароти зерин ифода ёфтанд:

1. Бори нахуст дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташхис, таҳлили психологӣ ва баҳодиҳии сабабҳо ва омилҳои иҷтимоию психологии рафтори агрессивии наврасон анҷом дода шуд.
2. Мундариҷаи истилоҳи рафторҳои агрессивии наврасон баррасӣ ва дақиқ карда шуд, хусусиятҳои хоси он муайян гардиданд.
3. Дар заминаи муассисаҳои таҳсилоти умумии муосири Тоҷикистон омилҳои асосии зоҳиршавии агрессияи, намудҳои

рафтори агрессивии наврасон, сабабҳо ва хусусиятҳои зоҳиршавӣ, роҳҳои пешгирӣ намудани он муайян карда шуданд.

4. Тарзу усулҳои назариявию амалии пешгирӣ намудани рафтори агрессивӣ дар байни ҷавонону наврасон коркард шуда, робитаи агрессия бо зуҳуроти экстроверсия, нейротизм, дурӯғгӯйӣ ва ростгӯйӣ ошкор карда шудаанд.

5. Хусусиятҳои ҷинсии рафтори агрессивӣ аз лиҳози оморӣ асоснок карда шуда, робитаи аз лиҳози оморӣ муҳим дошта, вобаста ба шакли муассисаи таълимӣ собит гардид.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии кори диссертатсионӣ** аз он иборат аст, ки он хусусияти байнисоҳавӣ дорад ва натиҷаҳои дар рафти таҳқиқ бадастомадаро дар таҳқиқи минбаъдаи мавзуъ дар доираи дигар илмҳо низ истифода бурдан мумкин аст. Инчунин натиҷаҳои таҳқиқ метавон барои коркарди курсҳои таълимӣ ва навиштани дастуру китобҳои дарсӣ оид ба масъалаи мазкур, ҳангоми омода кардани лексияҳо ва курсҳои махсус доир ба масъалаи таҳқиқи мазкур ва дар вақти тадриси фанҳои психологӣ ва ғайра истифода кард.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсияро** асосҳои методологии мавқеъҳои заминавии тадқиқот, истифодаи маҷмуи методҳои илмии тадқиқотӣ назариявӣ ва амалӣ, ки ба табиати зуҳуроти омӯхташаванда мувофиқанд, мақсад ва вазифаҳои тадқиқот, азнавҳосилшаванда ва эътимоднок будани натиҷаҳои бадастомада, таҳлили сифатӣ ва миқдории онҳо, истифодаи методҳои оморӣ ҳангоми коркарди натиҷаҳои тадқиқот таъмин намуданд.

**Саҳми шахсии довталаб** аз муайян намудани мақсад ва вазифаҳои тадқиқот, муайян намудани объект ва масъалаи тадқиқот, матраҳсозии масъалаҳои мубрами тадқиқот, таҳлил ва таҳвили иттилооти бадастоварда мебошанд. Ҳолатҳои назариявӣ ва методологӣ, пешниҳодҳо ва хулосаҳо, ки муҳтавои диссертатсияро ташкил медиҳанд, маҳз натиҷаи тадқиқоти мустақилонаи унвонҷӯ маҳсуб мегарданд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Интишороти диссертант аз он гувоҳи медиҳанд, ки нуқтаҳои асосии муҳтавои диссертатсия аз натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ дар як қатор мақолаҳои илмии дисертант инъикос ёфтаанд.

Ҳафт мақолаи илмӣ, аз ҷумла се мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидааст.

Аз номгуи мақолаҳои илмии чопшуда бармеояд, ки диссертант масъалаҳои гуногуни марбут ба хусусиятҳои наврасони рафтори агрессивидоштаро мавриди таҳқиқ қарор додааст. Нашри чунин мақолаҳо дар маҷаллаҳои бонуфузи илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки натиҷаҳои таҳқиқоти Ғуломзода Сабзалӣ илман эътироф шуданд ва дорои арзиши илмӣ мебошад.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он.**

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**. Диссертатсияи Ғуломзода Сабзалӣ аз муқаддима, се боб, 6 зерфасл, хулосаи боби якум, хулосаи боби дуюм , хулосаи боби сеюм, хулосаи умумӣ, рӯйхати адабиёти истифодашуда(150 номгӯ) ва замима иборат аст. Мундариҷаи диссертатсия дар 172 саҳифа баён шудааст. Матни диссертатсия 14 ҷадвал ва 88 тасвирро дар бар мегирад.

Дар муқаддима мубрамияти мавзуъ, сатҳи пажуҳиши илмии он таҳлил карда шуда, объекту предмети тадқиқот, мақсад ва вазифаҳои асосии он муайян гардида, тавсифи асосҳои илмиву методологӣ, заминаи сарчашмашиносӣ оварда шуда, шарҳу тавзеҳи арзиши илмиву амалии кори диссертатсионӣ, баёни навгонии илмӣ, инчунин муҳтавои асосии ба дифоъ пешниҳодшаванда арзёбӣ гардидаанд.

Боби якуми таҳқиқот **«Омӯзиши падидаи агрессия дар психология ва илмҳои ба он алоқаманд»** аз ду зерфасл иборат буда, он ба муайян кардани ҳудуди рафтори агрессивӣ ва хусусиятҳои психологии зоҳиршавии агрессия дар наврасон бахшида шудааст.

Маводи омӯхташуда заминаи назариявӣ-методологии тадкикоти амалиро ташкил доданд.

Боби дуюми диссертатсия **«Роҳҳои пешгирию ислоҳнамоӣ рафтори агрессивӣ дар наврасон ва интихоби методҳои таҳқиқотӣ»** аз ду зерфасл иборат буда, он барои муайн намудани роҳҳои пешгирӣ ва ислоҳи рафтори агрессивӣ дар наврасон ва тавсифи методҳои таҳқиқотӣ ва интихоби озмудашавандагони майл ба рафтори агрессивидошта бахшида шудааст.

Боби сеюми таҳқиқот **«Таҳқиқи амалии хусусиятҳои психологии наврасони майл ба рафтори агрессивидошта»** аз ду зерфасл иборат буда, он барои коркарди натиҷаҳои ташхиси хусусиятҳои наврасони рафтори агрессивидошта ва шарҳи натиҷаҳо ва баррасии фарзияҳои таҳқиқот нигаронида шудааст.

Хулосаҳо дар охири ҳар боб ва хулосаи умумии диссертатсия қисмҳои калиди ҷамъбасти таҳқиқот мебошад. Хулосаи ҳар боб муҳимтарин нуктаҳо ва натиҷаҳои онро мухтасар баён намуда, дастовардҳои асосиро таъкид мекунанд. Дар навбати худ, хулосаи диссертатсия натиҷаҳои асосии тамоми таҳқиқотро ҷамъбаст намудааст.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии атестасионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Тартиби таҳияи диссертатсия ва автореферат мутобиқ ба талаботи дастурамал оид ба барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаҳои илмӣ (доктори фалсафа PhD)-и, номзади илм ва докторит илм таҳия шудааст. Автореферати диссертатсия муҳтавои мухтасари рисоларо инъикос намуда, тасавуроти дақиқ дар бораи моҳияти таҳқиқот ва натиҷаҳои бадастомадаи диссертантро фароҳам меоарад. Натиҷаҳои бадастомада, тавсияву хулосаҳо дар асоси талаботи Комиссия ва дастурамал ба таври илмӣ-методи асоснок карда шуда, ба микдори кофӣ бо пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ, инчунин бо диаграммаю ҷадвалҳо, расму тасвирҳо ва формулаҳои ҳисобӣ пурра риоя шудааст.

Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ. Тахассуси илмии Ғуломзода Сабзалӣ ба дараҷаи илмӣ аз рӯйи ихтисоси 6D050300 – Психология мутобиқат мекунад.

**Эродҳо ва ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.** Дар баробари дастоварду муваффақиятҳо ва пешниҳодҳои ҳадафмандона диссертатсия ва автореферати он аз норасоиҳо ва ғалатҳое низ холӣ нест, ки хусусияти ҷузъӣ доранд ва зикри он барои такмили минбаъдаи таҳқиқоти диссертатсионӣ муфид хоҳад буд, аз ҷумла:

1. Диссертант ҳангоми таҳлили натиҷаҳои озмоиши муқарраркунанда ва озмоиши назоратӣ аз ҷадвал ва тасвирҳо истифода бурда, баъд аз ҳар як ҷадвал ва тасвир натиҷаҳо шарҳ дода шудаанд. Вале шарҳи тасвири 90 дар кор қайд карда худи тасвир бо рақами 88 нишон дода шудааст.
2. Усули навишти номи муаллифони осор ва танзими феҳристи адабиёти рисола таҷдиди назар мехоҳад.
3. Дар кор хатогиҳои техникӣ зиёд дида мешавад, номувофиқии ҷумлаҳо низ ба назар мерасад, вале ба муҳтавои кор таъсир намерасонад.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия**. Диссертатсияи Ғуломзода Сабзалӣ дар мавзуи «Хусусиятҳои зоҳиршавии агрессия дар рафтори наврасон ва роҳҳои пешгирӣ кардани онҳо» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯи ихтисоси 6D050300 – психология (6D050305- психологияи иҷтимоӣ) сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-уми низомнома Тартиб додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №276 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Муҳокима ва баррасии диссертатсия аз ҷоиниби муассисаи тақризшаванда бо иштироки диссертант Ғуломзода Сабзалӣ дар ҷаласаи васеи кафедраи психологияи умумӣ ва педагогии Донишгоҳи давлатии

омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз санаи 28.01.2026 баргузор гашта, тақриз дар ин ҷаласа баррасӣ ва тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласа 12 нафар устодон иштирок доштанд. Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор -12 нафар, муқобил - нест, бетараф- нест. Қарори ҷаласаи кафедра № 1 аз 28.01.2026 с.

Раиси ҷаласаи васеи семинари
илмӣ - методӣ, мудири кафедраи
психологияи умумӣ ва педагогии Донишгоҳи
давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ, номзади
илмҳои педагогӣ, дотсент Саидмирова С.М.

Эксперти таҳқиқоти диссертатсионӣ,
дотсенти кафедраи психологияи умумӣ ва педагогии
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ, номзади
илмҳои педагогӣ, дотсент Тураев Ё.

Котиби ҷаласаи васеи семинари
илмӣ - методӣ, номзади
илмҳои психологӣ Қурбонов Н.

28.01.2026.

**Маълумот барои тамос:**
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121;
Тел: +992 (37) 224 13 83, E-mail: info@tgpu.tj, www.tgpu.tj

Имзои С.Саидмирова, Ё.Тураев ва Н.Қурбоновро тасдиқ мекунам.
Сардори РК ва КМ
ДДОТ ба номи С. Айнӣ Қодирзода С.